**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Маълум аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадимаи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, дорои таркиби луғавии бою ғанӣ ва сохтори устувори дастурӣ мебошад. Забоншиносии тоҷик дар омӯхтани сарфу наҳви забони тоҷикӣ то имрӯз ба дастовардҳои зиёде ноил гардидааст. Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна ба ҳамин қисмати забоншиносӣ бахшида шуда, пажуҳишест комилан нав, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар асоси маводи “Чор дарвеш” мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Интихоб ва истифодаи дурусти қолибҳои гуногуни наҳвӣ, хусусан, ибора ва ҷумла барои саҳеҳ, пурра ва дақиқ ифода кардани фикр мусоидат мекунанд. Омӯзиши воҳидҳои ҳаммаънои наҳвӣ дар асоси маводи яке аз шоҳасарҳои халқӣ – «Чор дарвеш» имконият фароҳам меоварад, ки муродифоти ибораҳои гуногун ва имконоти услубии онҳо ошкор карда шавад. Мубрамии мавзуи диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал муродифоти ибораю ҷумлаҳои сода ва қолибҳои ҳаммаънои имконпазири забони тоҷикӣ дар заминаи маводи як асари бадеӣ таҳқиқ карда мешавад. Дар чунин шоҳасар тамоми зебоӣ ва нафосати воҳидҳои забон инъикос мегардад. Ба ибораи дигар, асолати забон дар чунин асарҳо ҳифз шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал қолибҳои ҳаммаънои маводи насри классикӣ бо як низоми муайян омӯхта шуда, муродифоти наҳвӣ (ибораҳо ва ҷумлаҳои сода) тасниф мегарданд. Теъдоди ибора ва ҷумлаҳои бо қолиб ивазшаванда дар ин шоҳасар 444 ададро ташкил медиҳад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи мазкур дар асоси консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватаниву хориҷӣ истифода шудаанд. Хулоса, дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоботи дурусти таҳқиқ бармеояд.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии дақиқ пешниҳод кардидааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмии таҳқиқи қолибҳои ҳаммаънои наҳвиро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои муродифоти наҳвии забони тоҷикӣ зимни муайян намудани қолибҳои наҳвӣ истифода бурдан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масъалаҳои муносибатҳои маъноию грамматикӣ дар ибора ва ҷумла, ҷараёни инкишофи минбаъдаи наҳвии забони тоҷикӣ аҳамияти калони назариявӣ дорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи диссертатсияи мазкур дар таълими бахши услубшиносӣ, наҳв, курси махсуси муродифоти грамматикӣ дар факултетҳои филология ва журналистикаи муассисаҳои олӣ зоҳир мегардад. Маводи диссертатсия дар интихоби калима, ибора, қолибҳои наҳвӣ ва ифодаи тобишҳои нозуки маъно кӯмак мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, мақсади таҳқиқот дараҷаи пажуҳиши мавзуъ, асосҳои назариявию амалии таҳқиқ, шиносномаи ихтисоси илмӣ, инчунин саҳми шахсии довталаб ва дигар матолиби муқаддимотӣ дарҷ гардидааст.

Боби аввал «Масоили назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб баррасии муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии тоҷику рус, инчунин, таҳқиқи ибора, ҷумла ва муродифшавии онҳо дар адабиёти шевашиносӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Маводи боби мазкур дар такя ба осори олимони бузурги тоҷику рус дар мисоли Садриддин Айнӣ, Камолиддинов Б., Бақозода Ҳ., Ҳ. Каримов, Д. Тоҷиев, Муҳаммадиев М. Брагинский И.С. ва дигарон роҳҳои гуногуни ифодаи муродифоти наҳвии ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик, хусусан, дар насри классикӣ таъкид гардидааст.

Дар охири ҳамин боб андешаи муаҳаққиқ Иброимова Г. дар чор банд хулосабандӣ гардидааст ва ишора мешавад, ки қолибҳои гуногуни ифодаи фикр дар забоншиносии тоҷик асосан дар солҳои сиюм ва чилум таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст.

Дар адабиёт оид ба шевашиносӣ ин масъала, ба андешаи пажуҳишгар, мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода нашудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Қолибҳои ибораҳои изофии ҳаммаъно дар "Чор дарвеш" унвон гирифтааст, ки он аз чор зерфасл бо як низоми

муайян мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Ба муҳаққиқ муяссар гардидааст, ки дар натиҷаи заҳматҳои зиёд муродифоти қолибҳои ибораҳои изофиро бо қолиби “исм+бандаки изофӣ+исм”, “исм+бандаки изофӣ+сифат”, муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора, ҳамзамон, муродифоти ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шуморавӣ ва муродифоти ибора бо калимаҳои мураккабро дар “Чор дарвеш” тасниф намояд.

Ба ақидаи пажуҳишгар дар “Чор дарвеш” ҳафт ибора бо исм+бандаки изофӣ+исм ба мушоҳида мерасад. Чунончӣ: *марди тоҷир, талаби кӯкнор, ҷойи гузаргоҳе, димоғи ёрон, амри подшоҳ, ҷойи амн, марди мизбон.*

Қолиби диққат он аст, ки ибораҳои изофӣ дар қолиби исм+бандаки изофӣ+сифат дар “Чор дарвеш” хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Аз омори овардаи муҳаққиқ аён мегардад, ки ин қабил ибораҳо дар асар зиёда аз 300 то мебошад. Барои мисол, муаллиф ибораи “хокаш монанди сурма сиёҳ” дар муродифҳои “хоки сурмавор сиёҳ”, “хоке, ки сурма барин сиёҳ аст” таъвиз кардааст.

Заҳмати дигари муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари таҳқиқи ибораҳо 11 қолиби калимаҳои мураккаби фразеологиро низ аз ин асар гирдоварӣ намуда, онро ба гурӯҳҳои лексикиву грамматикӣ ҷудо намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки аз ҳама сермаҳсултарин ибораҳои фразеологӣ, ки дар асар истифода шудаанд, ибораҳои номӣ ба шамор мераванд. Онҳо ба як мазмун дар чанд қолаб ифода гардида, ба муродифшавии қолабҳои гуногуни наҳвӣ мусоидат намудаанд. Дар идомаи андешаҳои худ муҳаққиқ менигорад, ки ибораҳои сифатӣ, шуморавӣ ва ҷонишинӣ дар раванди ҷонишиншавӣ нисбатан каммаҳсул мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия “Муродифоти ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” номгузорӣ шуда, аз се серфасл иборат мебошад.

Дар ин қисмат муносибати муродифии қолибҳои гуногуни ҷумлаҳои сода мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ дар такя ба осори олимони услубшинос махсусан, Камолиддинов Б. ба таҳқиқ ва пажуҳиши ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ, ҷумлаҳои содаи дутуркиба бо яктаркиба, инчунин, муродифоти ҷумлаҳои содаи саволӣ ва риторикӣ машғул гардида, дар ин бобат маводи зиёдеро аз асари “Чор дарвеш” гирдоварӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ дар забони асари мазкур дар қолибҳои гуногуни наҳвӣ ифода гардидани муносибатҳои субъект бо объекти бевосита ва бавосита, муносибати субъект бо ҳоли макон, муносибати ҳаммаъноӣ дар баёни ҳоли сабаб хеле зиёд ба мушоҳида мерасад.

Чунончӣ: *Агар хизмате бошад, фармоед! – Бародар, боз хизмате дошта бошӣ, бифармо!* Аз ин мисолҳо бармеояд, ки дар “Чор дарвеш” ҷумлаҳое ба назар мерасанд, ки мазмуни онҳо дар қолиби ҷумлаи содаи яктаркиба ва дутаркиба баён гардидааст.

Ақидаи ҷолиби диққати дигар он аст, ки диссертант дар “Чор дарвеш” дар ташаккули иборaҳои номӣ (исм, сифат, шумора ва ҷонишин)-ро махсус қайд кардааст.

Ғайр аз ин, ӯ ба хулосае омадааст, ки маънои инкор дар забони “Чор дарвеш” бо пурсишҷонишинҳои маъмули забони тоҷикӣ **чӣ?, чаро?, куҷо?, кай?** ва **чӣ тавр?** ифода ёфтаанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар охири ҳар як фасли рисола муаллиф андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардааст.

Дар хулоса тамоми натиҷагириҳои муаллиф ва мазмуну мундариҷаи рисола ба таври илмӣ ва конкретӣ баён гаштаанд. Дар маҷмуъ, хулосаи диссертатсия натиҷаи тадқиқоти Г.Н. Иброимоваро таҷассум мекунад. Дар феҳристи адабиёт номгӯйи адабиёти илмӣ, мақолаҳо ва луғатҳо оварда шудааст.

Диссертатсия бо забони суфта ва равони илмӣ таълиф шуда, матолиби мавриди назар хеле мушаххас ва илмӣ баён гардидааст. Муҳокимарониҳои диссертант далелнок ва илмӣ буда, дар баъзе мавридҳо ба нуктаи назари донишмандон баҳс намуда, пешниҳод ва назари илмии дурусти хешро баён сохтааст. Дар рисола маводи фаровоне аз “Чор дарвеш” ҷамъ оварда таҳлилу ташреҳи дурусту илмӣ шудаанд, ки муҳаққиқ доир ба кори диссертатсионии худ пурра ворид гардидааст.

Диссертатсия бо забони суфта ва рамони илмӣ таълиф гардида, матолиби мавриди назар хеле мушаххас ва дақиқ баён гаштааст.

Паҳлуи дигари ҷолиби диққат дар диссертатсияи мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ аз ганҷинаи имконоти наҳви забони тоҷикӣ дар асоси маводи “Чор дарвеш” баҳрабардорӣ карда, як кори илмии мукаммалеро анҷом дода, онро дар хулоса дар 17 банд ҷамъбаст намудааст.

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбуду норасоиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Тавсифи умумии таҳқиқ ниҳоят мухтасар оварда шудааст, ки он ба бозбинӣ ниёз дорад;
2. Дар диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқ нишондодҳои зиёди оморӣ оварда шудааст. Хуб мебуд онҳо дар шакли нақша, диаграмма ва гистаграммаҳо оварда мешуданд;

3. Ба андешаи инҷониб фаслҳои дуюм ва сеюми боби якум бояд муттаҳид карда шаванд;
4. Дар диссертатсия мебоист муаллиф аз методи муқоиса истифода бурда, муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои содаи “Чор дарвеш”-ро бо асари дагари насрии ҳамон давра муқоиса мекард;
5. Ғалатҳои имлоиву техникӣ дар саҳифаҳои 7, 12, 21, 28, 71, 126, 128 ба назар мерасанд.

Чунин эродҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонанд ва метавон онро ҳамчун кори илмии баанҷорасида эътироф кард.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаҳои дигари илмии нашрнамудаи унвонҷӯ муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Муқарризи расмӣ:**

**доктори илми филология,**
**мудири кафедраи забонҳои**
**Донишкадаи тарбияи**
**ҷисмонии Тоҷикистон**
**ба номи С.Раҳимов** **Шафоатов Азал Нусратович**
Почтаи электронӣ : Shafoat56@ mail.ru
**Тел.: (+992) 985-07-44-19**
**Имзои Шафоатов Азал Нусратовичро тасдиқ мекунам:**
**сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи**
**тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон**
**ба номи С.Раҳимов** **Деҳқонова З.Б.**
**Суроға: шаҳри Душанбе, маҳаллаи**
**Лучоб-53, 734053, тел. 224-73-77;**
**факс224 56 87. E-mail:**
**mehrpaivand@inbox.ru** **“15”-уми майи соли 2023**